**МОДУЛИ 5**

**Мавзӯи лексия: Таълимоти Л.С. Выготский доир ба инкишофи психика.**

Нақша:

1.Таълимоти Л.С.Виготский доир ба омӯзиши фанни психологияи бачагона.

2.Назарияи ташаккули функсияи олии психика.

3.Инкишофи психика ва таълим.

4.Масъалаи таълим ва инкишофи психика аз нигоҳи Л.С.Виготский. 5.Аҳамияти назариявӣ ва амалии консепсияи инкишофи фаҳангӣ-таърихӣ дар илми психология.

Дар психологияи бачагона як катор масъалахое мавчуданд, омузиши он хеле мухим аст.

Виготский назарияи икишофи мадании кудакро кор карда баромада муайян кардааст, ки:

I. Инкишофи фарҳанги - маънави бо рохи интериаризатсия ба амал меояд. Мафхуми «интериоризатсия»- раванди мубаддал гаштани амалиёти зохири (амали ва ичтимои) ба амалиёти ботини, фикри (кутоxкардашуда ва автаматики)
II. Мухит ё худ вазъи ичтимои дар инкишоф чун шароити мухим баромад мекунад.
III. Таълим инкишофро пеш мебарад.

Инкишофи фарханги- маънавиро Виготский кор карда баромадааст. Кудак дар вазъи ё мухити ичтимои, мухити сунъи, мухити бехатар ба дунё меояд. Аз худ кардани муносибати фарханги- маънави ин вазифаи кудак ба хисоб меравад, яъне кудак бояд забон, рафтор, муошират, фаъолияти он чамъиятро омузад. Муносибати фарханги- маънавӣ берун аз кудак мавчуд аст ва кудак онро хачун вазифа, максад барои инкишоф кабул мекунад. Равади инкишофро Виготский дар аз худ кардани муносибати мадани медид. Дар олами хайвонот муносибати фарханги- маънави мавчуд нест, хайвонхо ба мухит мутобик шуда(ба иклим,ба шароити зист) бо максади зинда мондан худро дигаргун месозанд (пашми бисёр мебароранд, равгани кабати пуст зиёд мешавад, рефлекси худмухофизаткуни мустахкам мешавад). Онхо аз руи инстинкт амал мекунанд. Инсон бошад,баръакс мухитро дигаргун менамояд, дар фасли хунук ба худ хона месозад.

Ба раванди азхудкунии муносибати фарханги- маънавӣ дохил мешавад:

a) Азхуд намудани олотхо
b) Азхуд намудани аломатхо.

Олотхо воситахое мебошанд, ки барои дигаргун сохтани мухити берунаи атроф истифода бурда мешавад. М-н: бо каланд заминро нарм мекунанд.

Аломатхо воситахое мебошанд, ки дохилан психикаи одамроро тагир менамояд, яъне аломат ба идора ва назорат намудани психикаи инсон равона карда шудааст. Аломатхо аз тарафи одамон барои одамон тартиб дода шудааст. Аломатхоро танхо одамон мефахманд. Масалан: забон, нутк, алифбо, мафхумхои математики чарогак, аломатхои рох ва гайрахо.

Барои муайян намудани накши аломат дар инкишофи психика Виготский ба омузиши маводхои таърихи шуруъ кард ва инкишофро дар филогенез дида баромад, яъне инкишоф аз сода то мураккаб дар раванди таърих чи гуна суръат мегирад.

Дар зинахои паст одам чи будани ададро намедонист аз ин ру бо ёрии ашёхо микдорро муайян мекард. М-н: сангчахо, тугунхо. Бо ёрии санча микдори гусфандонро муайян мекард, барои ба хотир гирифтан тугунча мебаст, (барои дар хотир нигох доштан аксарияти одамон дар кафи даст аломати «+» мегузоранд). Аломатхо психикаи одамро назорат менамояд:

1. Аломат инсонро вазифадор мекунад, ки маълумотро ба хотир гирифта ба дигарон гуфта дихад.
2. Одам аломатхоро бошуурона фахмида мегирад, яъне аломатхо имконият медиханд, ки пурра фаъолиятхои маърифатиашро (идрок, хотир, диккат, нутк, хаёл,амалхои тафаккур) одамон идора ва назорат намоянд. Масалан: инсон якчанд забонро аз худ мекунад, аммо озодона танхо бо 2-3 забон гап мезанад ва дар вакти гап задан калимахои мувофикро интихоб мекунад; дар мактаб чадвали каратро аз худ карда буд ва дар вакти лозими онро дуруст истифода мебарад. Виготский кайд мекунад, ки омузиш ва ташаккулёбии аломатхо асоси инкишофи фарханги- маънавии инсонро муайян менамояд. Омузиши аломатхо психикаи инсонро тагир дода, барои назорат кардани фаъолиятхои психикии худ ичозат медихад.

Раванди инкишофи аломат дар онтогенез. Азхуд намудани аломатхо дар филогенез нишон дод, ки аломат робитаи байни психика ва оламро канда мекунад, яъне дар байни хикоя ва хотир сангча ё тугунча меистад ва хотир ба он тугунча такя мекунад. Муносибати одам нисбати олам ба воситаи аломатхо ва маданият муайян мешавад. Виготский дар онтогенез инкишоф ёфтани аломатро низ омухтааст. У нишон медихад, ки кудак дар давраи тифли бо нутк нею бо имою ишора муошират мекунад ва азхуд намудани аломат аз тарафи кудак чунин сурат мегирад:

- ✓ аломатхо берун аз кудак дар дигар одамон мавчуд аст.(нутк)

- ✓ аз аломат истифода бурданро калонсол ба кудак меомузонад. Масалан истифодаи нутк, ишора. Кудак барои гирифтани бозича даст дароз мекунад, аммо гирифта наметавонад. Модар, ки ин лахза аз назди кудак мегузашт дасти дарозкардаи кудакашро дида бозичаро гирифта медихад. Дасти дарозкардаи кудак ишора барои калонсол хисоб мешавад на барои кудак. Калонсол мазмуни харакати дасти кудак мефахмад.ишорараро калонсол мефахмад, кудак намефахмад.
- ✓ Кудак аломатро барои муошират кардан бо дигар одамон истифода мебарад. М-н: бо ангушт ишора карда «те» мегуяд. У барои дигар одам ин калимаро истифода бурд.
- ✓ Кудак аломатро барои идора кардани рафтори худаш истифода мебарад.

Хусусияти инкишофи кудак чунин шакл мегирад: кудак аввал муносибати фарханги- маънавиро аз худ карда ва баъд ба атроф муносибат менамояд.

Масъалаи дигар ин масъалаи таълим ва инкишоф мебошад, ки доир ба ин Виготский назарияи худро пешниход менамояд.

Ба акидаи у инкишофи кудак хамон вакт пеш меравад, агар муносибати фарханги- маънавиро аз худ карда бошад. муносибати мадани танхо бо рохи таълим азхуд карда мешавад. Дар аввал калонсол ба кудак ёд медихад, ин амал дар якчояги сурат мегирад, минбаъд кудак худаш мустакилона амалхоро ичро мекунад. Дар ин маврид дар инкишофи кудак чахиш ба вучуд меояд. Ба акидаи Виготский таълим инкишофро аз кафои худ мебарад, аввал таълим ва баъд инкишоф. Масалан кудак бо ёрии калонсол нуткро меомузад.

Аммо дар синни сесолаги вакте, ки кудак пурра нутро азхуд мекунад чахиш дар инкишофи кудак ба мушохида мешавад: шакли калимагии тафаккур, хотир пайдо мешавад. Аз ин ру таълим шакли асосии азхуд намудани муносибати фарханги- маънави ба хисоб меравад. Таълим чи гуна бошад инкишоф низ хамон хел мешавад.

Аммо на хама гуна таълим инкишофро аз кафои худ мебарад. Танхо хамон таълим инкишофро аз кафои худ бурда метавонад, ки агар кудак барои худ чизи наверо гирифта бошад, рафтор ва амли уро дар оянда тагйир дихад. Масалан тарзи кашидани хонаро калонсол нишон медихад кудак минбаъд расми хонаро кашида ба он зинапоя, тиреза ва гайрахоро илова мекунад.

Хусусиятхои пешбарандаи таълимдар инкишофи психика дар он ифода меёбад, киамалхои наве, ки бо ёрии калонсол ичро мешавад, минъбад мустакилона аз тарафи худи кудак ичро мешавад. Фаркияти байни ичрои амалхои якчояи кудаку калонсол ва амалхои мустакилонаи кудакро Виготский «минтакаи наздиктарини инкишоф психика» номида буд.

Калонсол бо дастгирии начандон мухим кудакро ба минтакаи инкишоф меорад. Ва минъбад кудак худаш мустакилона ичро кардани супоришро ёд мегирад. Бо ин рох инкишофи кудак пеш меравад.

Дар ин бора дигар олими шинохта Жан Пиаже акидаи худро пешниход менамояд ва мегуяд, ки инкишоф пеш аз таълим меистад, яъне дар кудак аввал фаъолиятхои маърифати инкишоф меёбанд ва баъд вобаста ба инкишоф кудакро меомузонанд. Жан Пиаже инкишофро чун протсеси фарди (индивидуали) муайян карда буд. Инкишофро чун протсеси ботини мефахмид. (барои навиштан аввал бояд дастони кудак инкишоф ёбад ва баъд навиштанро меомузонанд). Протсеси инкишофро мо дида наметавонем танхо натичаи инкишофро мебинем. Инкишоф барои таълим имконият фарохам меорад. Таълим ба дарачаи инкишофи кудак мувофик гардонда мешавад.

Аз руи назарияи Виготский таълим пеш аз инкишоф меояд, чунки у ин масъаларо аз чихати ичтимои омухта буд. (кудак муносибатхои маданиро бояд омузад, чунки у дар байни одамхо ба воя мерасад ва он чизе ки ба одам хос аст, онро аз худ мекунад гап мезанад, бо кошук хурок мехурад, дар руи чойгахи тоза мехобад ва гайра).

Таълим ба инкишофи кудак рох мекушояд. Дар психология 2 намуди таълим муайян карда шудааст:

- Бемаксад, идоранашаванда
- Бомаксад, идорашаванда

Таълими идоранашаванда худ аз худ ба вучуд меояд, яъне барои ин намуди таълим барномаи махсус мавчуд нест. Мисол. Кудак гап заданро аз кадом вакт огоз кард ё рохгаштанро аз кай сар кард хеч кас муайян карда наметавонад. Ин вобаста ба хусусиятхои инкишофи хар як фард аст. Барои рохгаштан кудак аз чихати чисмони ва психики бояд тайёр шавад. Ва ягон калонсол ба кудак рохгаштанро намеомузонад. Танхо шароит мухаё сохтан мумкин аст. Масалан агар дар давраи тифли бо кудак гап занем кудак якуякбора дар 9 -10 мохаги гап мезанад.

Таълими идорашаванда, бомаксад аз руи барномаи махсус гузаронида мешавад. Мисол. Таълими хисоб, савод-хондан, навиштан.

Аз руи акидаи Виготский кудаки хурдсол аз руи барномаишахсии худаш таълим мегирад, мактабхон аз руи барномаи мактаби таълим мегирад.

Дар таълим даврахои мусоид, мувофик мавчуданд, ки кудак бе мушкили хондан ва ё нуткро азхуд мекунад. Ин давра дар психологияи бачагона давраи сензитиви номида мешавад. Дар ин давра сифатхои маънави-психологии кудак дар рафти таълим ва тарбия ташаккул меёбад. Дар 1,5 то 3 солаги кудакон нукро аз худ мекунанд, дар 6-7 солаги кудакон хондану навиштанро дар муддати кутох аз худ мекунанд. Танхо дар

давраи сензитиви барои азхуд кардан табиат ба кудак  вакт чудо мекунад.

Аз ин ру ба хисоб гирифтани хусусиятхои синнусоли ва имкониятхои сензитивии кудак яке аз шароитхои бомуваффакият аз худ намудани маводи таълими ба шумор меравад.